# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ))

**Мубрамияти мавзуъ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Яҳёзода Ғолиб Яҳё ба яке аз масъалаҳои мубрами назария ва амалияи илми педагогика бахшида шудааст. Дар шароити муосири рушди ҷомеа омӯзиши моҳияти маърифати экологӣ ва хусусиятҳои инкишофи он ҳамчун яке аз масъалаҳои педагогӣ аҳамияти махсус касб менамояд. Дар ин замина, истифодаи истифодаи муҳити табиати Тоҷикистон воситаи рушди асосҳои маърифати экологии насли наврас аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Мубрамияти мавзуи таҳқиқот бо зарурати ташаккули асосҳои маърифати экологӣ ҷиҳати ба роҳ мондани робитаи байни инсон ва муҳити зист, инчунин тарбияи масъулияти кӯдакони синни калони томактабӣ барои риояи амалҳои онҳо дар ҳимояи муҳити зист мебошад.

**Муқаддима ва тавсифи умумии таҳқиқот.** Дар муқаддимаи диссертатсия асосноккунии мавзуи таҳқиқот пешниҳод гардида, объект, предмет, мақсад, вазифаҳо ва фарзияи кор муайян карда шудааст. Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, усулҳо ва марҳилаҳои он тавсиф дода шудаанд. Навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, инчунин муддаоҳои пешниҳодшаванда ба ҳимоя баён гардидаанд. Муаллиф зикр менамояд, ки дар амалияи вузҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои маърифатӣ, таҳлилӣ ва тарбиявии матнҳои таълимӣ дар раванди омодасозии омӯзгорони оянда ба таври кофӣ истифода намешаванд, ки ин зарурати таҳияи методикаи илман асосноккардашударо ба миён меорад.

**Боби якум «Асосҳои назариявии тарбияи асосҳои экологии кӯдакон дар муассисаи томактабӣ»** аз ду фасл иборат буда, ба таҳлили асосҳои назариявӣ, равонӣ ва педагогӣ, таҳқиқи назария ва амалия, мазмун ва методологияи тарбияи экологӣ бахшида шудааст. Нуктаи назари олимон ва таҳқиқотчиён таъкид намуда буданд, ки таваҷҷӯҳи насли наврас ба пайвастагии занҷири табиӣ ҷалб карда шуда, ҳангоми шиносоӣ бо табиат ба принсипи дидактикии «аз оддӣ ба мураккаб» риоя карда шавад, зеро «табиат намеҷаҳад, балки тадриҷан пеш меравад».

Муҳаққиқ Яҳёзода Ғ.Я. бамаврид қайд мекунад, ки мақсади тарбия ва маърифати экологӣ ба хотири муносибати эҳтиёткорона ва эҳтиромона зоҳир намудан ба муҳити зист, ташаккули хоҳиши устуворӣ, риоя кардани меъёрҳои ахлоқӣ дар раванди муносибат бо табиат ва таблиғоти ҳадафҳои экологӣ мебошад. Тарбияи экологӣ – тарбияи муносибати инсондӯстона ба табиат» (тарбияи ахлоқӣ; ташаккули системаи дониш ва ғояҳои экологӣ (инкишофи зеҳнӣ); ташаккули ҳиссиёти эстетикӣ (қобилияти дидани зебоӣ, мафтуншавӣ, хоҳиши нигоҳ доштани он); иштироки кӯдакон дар фаъолиятҳои амалии марбут ба нигоҳубини растаниҳо ва ҳайвонот ва ҳифзи табиат мебошад.

Ба таҳлили равиши педагогӣ ва психологии омӯзиши чараёни тарбияи экологӣ мурочиат намуда, нуктаи назари олимон ва муҳаққиқон В. Агеев, М. Багов, В. Вундт, С.В. Недбоева,Н. Сарсенбоев, З.К.Узденова, Х.Раҳимов, А.Нуров, Б.Маҷидова ва дигарон таҳлилу баррасӣ намудааст.

Муаллиф нишон медиҳад, ки кӯдакони синни томактабӣ аз рӯи хусусиятҳои синну солӣ ба табиат хеле наздиканд. Дар синни 5-7 солагӣ кӯдакони синни томактабӣ метавонанд мустақилона хулосабарорӣ намоянд. Тафаккур ва дарки онҳо бори дигар мавҷудияти тафаккури аёнӣ-образиро нишон медиҳад. Бо назардошти хусусиятҳои тафаккури мантиқӣ диққати бештари кӯдаконро ба тафсилоти воқеаҳо равон кардан лозим аст.

**Да боби дуюм «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони 6-7 сола»** дида баромада шудааст. Ягона муносибати дуруст ба муҳити зист ва ҳодисаҳои табиат тарбияи экологӣ мебошад. Ба ин муносибат тадбирҳоеро ба амал баровардан лозим аст, ки ба баланд бардоштани маданияти экологии насли наврас ва аҳолӣ мусоидат мекунанд. Тарбияи экологӣ вазифаи мураккаб ва гуногунҷанба аст, ки аз ҳамон рӯзе, ки кӯдак ба табиат қадам мегузорад, оғоз меёбад ва ӯро дар тамоми умраш ҳамроҳӣ хоҳад кард.

Нақши шароити аввалини педагогӣ – мувофиқати маводи омӯхташуда ба вазъияти воқеии кор, бевосита шинос шудан ва омӯхтани объектҳои табиати зинда ва ғайризиндаи диёр таҳқиқ шудааст. Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи таълими экологӣ робитаи ногусастании он бо таҷрибаи воқеии ҳаёти кӯдакон дар робита бо муҳити иҷтимоию табиии онҳо мебошад.

Барои васеъ намудани фаҳмиши кӯдакон дар бораи ҳодисаҳо ва ашёҳои табиат бозиҳои гуногун – таълимӣ, фаъол, эҷодӣ ва ғайра васеъ

истифода мешаванд. Тавассути ин бозиҳо кӯдакон таҷрибаи гаронбаҳо мегиранд вадрнишҳои гирифтаи худро эҷодкорона татбиқ мекунанд

**Дар боби сеюм «Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон»** оид ба хусусиятҳои ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон бо истифода аз технологияҳои педагогӣ қайд мегардад, ки тарбияи экологӣ худ раванди ташаккулдиҳӣ ва муайянкунии муносибати пурарзиш нисбати табиати иҳотакарда мебошад.

Барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва огоҳии экологии насли наврас усулҳо ва шаклҳои гуногунро дар Амсилаи ташаккули маърифати экологии кӯдакон истифода намудааст. Мазмуну мақсади он ба ташаккулдиҳии маҷмӯи донишҳо оид ба табиат, тарбия намудани майлу рагбати ҳифз ва эҳё намудан, афзун гардондани арзишҳои табиат, ки барои имрӯз ва фардои инсон заруранд, ташаккули қобилияти баён кардани таассурот ва дониш дар мавзӯи экология дар шакли суҳбат, нақл, бозӣ, расмкашӣ дар ҳамкории МТТ бо оила мебошад, ки дар қисми озмоишии кор татбиқ гардида, натиҷаҳои назаррас ба даст овардааст.

Кори таҷрибавӣ дар дар муассисаҳои таълимии томактабии №№67,45-и шаҳри Душанбе, №8-и шаҳри Ваҳдат аз сентябри соли 2021 то июни соли 2024 гузаронида шуд. Микдори интихоб дар марҳилаи озмоиши асосӣ (солҳои 2022-2024) 50 нафар кӯдакони синни калони томактабӣ (аз 5 то 7 сола), 6 нафар мураббия ва 30 нафар волидон ташкил дод.

**Навгонии илмӣ ва аҳамияти таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал методикаи ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон асоснок гардида, ҷузъҳо, меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои ташаккули онҳо муайян шудаанд. Ҳамчунин Барномаи кории ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ «Табиат хонаи мост. Қадамҳои аввалин ба олами экология» таҳия ва дар шароити воқеии таълимӣ озмуда шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки тавсияҳо, машқҳо, супоришҳо ва технологияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, факултетҳои забонҳои хориҷӣ ва марказҳои такмили ихтисоси омӯзгорон мавриди истифода қарор гиранд.

**Сохтор ва арзёбии умумии диссертатсия**. Сохтор ва муҳтавои диссертатсия мантиқан ба ҳам алоқаманд буда, матни диссертатсия бо забони илмӣ навишта шуда, натиҷаҳои таҳқиқот бо далелҳо, ҷадвалҳо, расмҳо ва маълумоти таҷрибавӣ асоснок гардидаанд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас, баъзе нуктаҳои баҳсталаб низ ба назар мерасанд:

1. Муқоисаи натиҷагирӣ аз санҷиши озмоишӣ мебоист дар автореферат васеътар дар шакли диаграмма ва расмҳо бо нишон додани тафовути гурӯҳҳои таҷрибавӣ арзёбӣ мешуд, ҳарчанд ки ақида ва натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф комил ва фаҳмову дастрасанд.
2. Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои техникию имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд.

ХУЛОСА

Хулоса, диссертатсияи Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» таҳқиқоти мустақилонаи анҷомёфта буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
муовини ректор оид ба идиология,
тарбия ва робита ба ҷомеаи Донишкадаи
тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи Саидмуъмин Раҳимов Худоёрбекзода Бунавша

« 05 » 06 соли 2026

Имзои Худоёрбекзода Бунавшаро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва ҳуқуқи ДТҶТ ба номи С. Раҳимов Курбонзода Т.Ҳ.

**Маълумот барои тамос:** 734053, ш. Душанбе,
Республика Таджикистан, маҳаллаи
Луҷоб 53, тел.: +992 903130600,
+992 001222612 *E-mail:* korguzor.dtj@mail.ru